**Такриз**

ба автореферати рисолаи номзадии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Рисолаи номзадии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, панҷ фасл, хулоса, тавсия ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Фишурдаи рисола ҳамаи масъалаҳои сохтории рисоларо фаро гирифтааст. Дар муқаддимаи фишурдаи рисола аҳаммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхташавии мавзуъ, мақсад ва вазифаи таҳқиқи мавзуъ, метод ва методологияи таҳқиқи мавзуъ, сарчашма ва объекти таҳқиқи мавзуъ, предмети таҳқиқот, навоварии рисола, арзиши назарӣ ва амалии мавзуъ, атробатсияи рисола ва сохтори рисола пурра ифода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ» унвон дошта, аз ду зерфасл таркиб ёфтааст. Возеҳ аст, ки таълими ҳамгиро ба сифати иртиботи маҷмуӣ ва байнифанниро таъмин намуда, алоқаи мантиқӣ ва маърифатии фанҳоро мушахас ва муайян менамояд. Ин раванди алоқамандиро метавон дар фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ низ ба мушоҳида гирифт. Дар ҳамин замина метавон дар ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ аз ин раванд густурда суд бардошт, ки ин матлаб дар рисола ба таври шоиста ҳаллу фасл гардидааст.

Фасли якуми ин боб «Асосҳои назариявии маҷмуӣ, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ тибқи

тамоилҳои методологӣ» номгузорӣ шудааст, ки дар он муҳаққиқ бо такя намудан бо асосҳои назариявӣ ва методологии таълими ҳамгиро моҳияту муҳтаво ва вежагиҳои муҳимми таълими ҳамгироро дар омӯзиши фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ба маърази таҳқиқ кашидааст. Таъкид ба он намудааст, ки ин раванд дар рушду такомулёбии донишфарогирӣ ва равнақ ёфтани маҳоратҳои тафаккури мантиқии хонандагон босамар ва муфид арзёбӣ мегардад.

Фасли дуюми боби мазкур ба «Муайянкунии самтҳои асосии робитаи байнифаннии математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро» ихтисос ёфта, муҳаққиқ дар он иртиботи мазмунӣ ва равандии фанни математикиро бо фанҳои дигари таълимӣ дар алоҳидагӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намуда, бо фикру андешаҳои солим илман асоснок кардааст, ки қобили мулоҳиза мебошанд.

«Амалинамоии шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омезиши математикаи синфҳои ибтидоӣ» боби дуюми диссертатсия буда, аз се зерфасл иборат аст, ки мавзуи калидии рисолаи мавриди назар маҳсуб меёбад. Дар ин боб таълими масъалаҳои математикаи матнӣ ба сифати умдатарин масъалаи мавриди омӯзиши ҳамгироии фанҳои гуногуни синфҳои ибтидоӣ шинохта шуда, имконият фароҳам меоварад, ки хонанда аз он дар маърифат намудани донишҳои фаннӣ ба таври шоиста ва комил баҳрабардорӣ намояд.

Дар ҳамин замина пажуҳишгар бо гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ дастовардҳои назарраси илмӣ ба даст оварда, натиҷаҳои онро дар диаграммаю ҷадвалҳо бо овардани рақаму далелҳои муътамад нишон додааст. Зикр бояд кар, ки муҳаққиқ хулоса ва пешниҳодҳои қобили мулоҳиза ва мантиқиро баён доштааст, ки аз огоҳии комил доштанаш дар доираи ин мавзуъ дарак медиҳад. Тавсияҳои манзур намудаи пажуҳишгар бунёдӣ буда, зарурати дар амал тадбиқ намудани он дар раванди таълими фанни математика, махсусан

дар ҳаллу фасли масъалаҳои математикии матнӣ ба дастандаркорони соҳа ва таълимгирандагони ин фан аз муҳиммияти хос бархурдор аст.

Тазаккур бояд дод, ки мундариҷаи асосии рисола дар шаш мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои номнавишташудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст, ки ин таълифоти банашррасида мазмун ва муҳтавои фишурдаи рисоларо дар худ таҷасум кардаанд.

Дар матни фишурдаи рисола нуқсону камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ дида намешавад, ки аз дидгоҳи моислоҳи иштибоҳҳои ҷойдошта зарур аст.

Ба итминон метавон афзуд, ки рисолаи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯст ва соҳиби он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои педагогӣ
мудири кафедраи усулҳои
таълими математика ва геометрия
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонов С. Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдаки 17
Тел: (+992) 933900330;
E-mail: kurbonsulajmon@mail.ru

14. 10. 2025.

Имзои н.и.п., С. Р.Қурбоновро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

14. 10. 25